КАЛИМАҲОИ СОҲАИ КАСБУ ҲУНАРҲОИ ГУНОГУНИ ЛАҲҶАИ ТОҶИКОНИ САРИОСИЁ

Азиза Шукурова Хайруллоевна

Докторанти кафедраи филодогияи тоҷик ва забонҳои шарқи

хориҷии донишгоҳи давлатии Самарқанд

АННОТАТСИЯ: Вожаҳои соҳаи касбу ҳунарҳои гуногуни лаҳҷаи тоҷикони ноҳияи Сариосиё, ки имрӯзҳо низ дар лаҳҷаи ин диёр сериستеъмоланд, аз ҷиҳати мафҳум бой ва гуногунранг мебошанд. Аз қадимулайём чун дигар тоҷикони рӯи дунё, тоҷикони мардуми Сариосиё низ дорои касбу ҳунарҳои гуногун буда, он асрҳои аср, аз насл ба насл гузашта, то ба имрӯз ба мо расида омадааст. З-ин лиҳоз оиди мавзӯи мазкур маълумоти муфассал оварданро қобили қайд донистем.

Калима ва ибораҳои такягоҳ: Сариосиё, лаҳҷа, соҳа, касбу ҳунар, кӯҳистон, мардум.

Ҳар як қавму миллат дар ҳама давру замон аз қадим инҷониб барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти моддии хеш бо касбу ҳунарҳои гуногун машғул мешавад. Аз ҷумла ҳам мардумони ҳамвораzамин ва ҳам кӯҳистонзамини ноҳияи Сариосиё низ дорои касбу ҳунарҳои гуногун буда, он манбаи асосии зиндагонии ин диёр мебошад. Мардуми кӯҳистонзамини ин ҷо асосан бо деҳқонӣ, кишоварзӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ шуғл меварзанд ва маҳз аз даромади ҳамин машғулияти хеш эҳтиёҷоти моддии хешро қонеъ мегардонанд. Ба ҷуз ин онҳо барои манбаи зиндагонии хешро боз ҳам беҳтар гузаронидан ба машғулиятҳои иловагӣ низ шуғл меварзанд. Аз ҷумла, онҳо аз растаниҳои равғандор ба воситаи ҷувоз равған истеҳсол мекунанд, ки ин машғулияти онҳо асосан ба истилоҳи **“ҷувозкашӣ”**ифода карда мешавад. **Ҷувоз** дастгоҳи равғанкашӣ мебошад, ки дар он асбобу анҷоми махсус истифода мешавад. Дар он асосан растаниҳои равғандор ба монанди: **кунҷит** (номи зироати равғандор, ки баъзан дар рӯи нони нонвой онро мепошанд), **зиғир** (яъне рӯғани зиғир мебошад, ки мазаи талх дорад ва аз он асосан барои пухтани оши палав истифода мебаранд), **бодом** (ки асосан аз он ба воситаи асбоби ҷувозкашӣ рӯғани бодом истеҳсол мекунанд), ба воситаи асбоби ҷувозкашӣ кашида мешавад.

Номи қисмҳои осиёб. **Осиёб**, ки асбоби ордкунӣ ба ҳисоб меравад, яке аз манбаҳои муҳимми рӯзгузаронии зиндагонии мардум ба ҳисоб меравад. Он асосан дорои қисмҳои зерин мебошад:

1.Харак-ин номи чорпояе мебошад, ки осиёбон дар он мешинад;

2.Нова- гирдаи дарунков, ки ба даруни чӯби он об ба осиёб дохил мешавад;

3.Санги осиёб-сабади калоне, ки дар он гандум мерезанд;

4.Таёқча-чӯби хурде, ки дар болои санги осиёб мезананд;

5.Таҳсангӣ-аз таги санги осиёб ҷойгир шудааст;

6.Пешпартов-номи олоте, ки орди тайёршударо пеш мепартояд;

7.Пора -парчаҳои чарх;

8.Музд-ин ҳамон музди коре, ки осиёбон аз харидор мегирад;

9.Чархгир -қисмҳои зери осиёб ва ғайра...

Ҳунармандӣ яке аз соҳаҳои маълуму машҳури ноҳияи Сариосиё мебошад. Ҳамчун замони пешина дар замони кунунӣ низ дар байни мардуми ин диёр касбу ҳунарҳои гуногун вуҷуд доранд, ки аз ҷониби ҳунармандон иҷро карда мешаванд. Ҳунармандӣ соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад. Аксари ин пешаро бонувон касб кардаанд. **Дуредгарӣ** бошад, аз ҳунарҳои шоистаи мардони ин диёр буда, шуғлварзандаи он мардҳо мебошанд.

Аз қадим инҷониб дар байни бонувони ин сарзамин ҳунарҳои ба монанди: каштабофӣ, қурақдӯзӣ, урчуғбофӣ (аз ресмон урчуғ ресидан), қурақдӯзӣ, зардӯзӣ, зияпочабофӣ, кашидадӯзӣ, чокдӯзӣ, попурдӯзӣ, ҷуроббофӣ арзи вуҷуд дошт, ки то замони имрӯза нуфузи хешро нигоҳ дошта омадааст.

Каштабофӣ-ин навъи ҳунармандӣ асосан барои сарпои арӯс истифода бурда мешавад. Аз он асосан: болишт, тори арӯсӣ, пардаи арӯсӣ (дар замони пештар медӯхтанд) медӯзанд.

Қурақдӯзӣ-Яке аз шуғлҳои дӯстдоштаи бонувони хуфарии ноҳияи Сариосиё мебошад. Қурақдӯзӣ (яъне парчадӯзӣ)-ин санъате мебошад, ки аз пораҳои матоъ нақш бофида, онро пайваст мекунанд. Дастархон, чодари арӯсӣ (тори арӯсӣ, ки онро чимилиқ низ мегӯянд), кӯрпаву кӯрпача, болиштпӯш, чойникпӯш ва ғайраҳоро ҳамин тавр медӯзанд. Ин тарзи дӯхтани матоъ дар байни халқҳои мухталифи дунё ривоҷ ёфта буд. Дар замони муосир бошад, ин пешаро ба сатҳи волои ҳунарӣ мерасонанд. Дар Осиёи Марказӣ санъати қурақдӯзӣ оину суннатҳои хоси худро дошта, аз замонҳои қадим то замони мо расида омада, рушду нумӯъ ёфтааст.

Урчуғбофӣ -аз ресидани ресмон аз асбоби урчуғбофӣ мебошад, то замони кунунӣ дар кӯҳистони ин диёр аз ҷониби бибиёни солхӯрда ин навъи ҳунармандӣ мушоҳида карда мешаванд;

Зардӯзӣ -ин навъи ҳунармандӣ низ дар байни мардуми ин диёр маълуму машҳур буда, асосан аз он барои наварӯсон ҷелак (як намуди сарафани беостин, ки арӯсон рӯзи тӯйи висолиашон дар бар мегиранд), барои навдомодон рӯймоли домодӣ, баъзан ҷомаи домодӣ низ дӯхта мешаванд, болиштҳои хонаи арӯсро бо нақшу нигори зардӯзӣ оро медиҳанд, инчунин тоҷи арӯсонро низ зардӯзӣ мекунанд, ки ин анъанаҳо то ба ҳол на дар байни мардуми Сариосиё, балки дар байни тоҷикони Самарқанду Бухоро, Ургут ва Тоҷикистон то ба ҳол давом дорад.

Зияпочабофӣ -ин навъи ҳунармандӣ низ яке аз навъҳои маъмули ривоҷёфтаи ин диёр буда бонувони ин ҷо аз қадим инҷониб ба ин навъи ҳунармандӣ шуғл меварзиданд. Ҳоло бо мурури замон ин навъи ҳунармандӣ дар байни бонувон кам ба назар расида мешавад.

Кашидадӯзӣ, ки онро каштадӯзӣ низ меноманд, аз қадимуллайём байни бонувони ин ҷо яке аз ҳунарҳои ривоҷёфта ба ҳисоб мерафт. Дар замони пеш асосан духтарони қадрас аз ин навъи ҳунармандӣ баҳри тӯйи арӯсии хеш ҷойнамоз, ҷойпӯш, зардевол, рӯймоли домодӣ, болишт, пардаи хонаи арӯс ва ҳоказоро медӯхтанд;

Чокдӯзӣ -ин дӯхтани сару либоси бонувон мебошад, ки на дар замони пеш, балки дар замони кунунӣ низ ба дараҷаи волои хеш ривоҷ ёфта, яке аз ҳунарҳои маълуму машҳури ин диёр ба ҳисоб меравад;

Попурдӯзӣ -ин навъи ҳунармандӣ бо мошинаи чокдӯзӣ бо воситаи колаҳои рангоранг бар курта, ҷелак,нимчаи арӯсон ҳар гуна нақшу нигорҳо дӯхта мешавад. Имрӯзҳо низ ин навъи ҳунармандӣ ривоҷ ёфта то андозае рушду нумӯъ ёфта истодааст;

Ҷуроббофӣ -ин барои сармо аз риштаҳои ғафс бофидани ҷуроб мебошад, ки дар замони имрӯза низ то андозае байни бонувони ҳунарманди ин ҷо маълуму машҳур аст;

Чи хеле, ки дар боло баён кардем **дуредгарӣ** асосан машғулияти мардони ин ҷо ба ҳисоб рафта, он низ навъҳои зеринро дар бар мегирад: кулолгарӣ, чӯбкорӣ, кордсозӣ, сандуқсозӣ, нақшу нигоркашӣ (бар маҳсулотҳои дуредгарӣ), челонгарӣ, оҳангарӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд.

Кулолгарӣ -ин навъи ҳунармандӣ мебошад, ки мардум асосан аз он дар қадим шуғл меварзиданд. Ва бо мурури замон дар замони имрӯза он аз байн рафта, ҷои онро ҳунарҳои нав ишғол кардаанд;

Чӯбкорӣ -ин навъи ҳунармандӣ асосан аз ҷониби устоҳои чӯбкор шуғл варзида мешавад. Аз он асасан: гаҳвора (барои тифлон), сандуҳқои бо ҳар гуна нақшу нигор орододашуда, дастаи корд, дарвозаҳои нақшу нигордор ва ғайраҳо сохта мешаванд;

Сандуқсозӣ -ин аз ҷониби дурадгарон сохтани ҳар гуна сандуқҳои нақшу нигордор дар назар дошта шудааст. Ин навъи санъати дурадгорӣ имрӯзҳо низ қадру нуфузи хешро гум накарда, ривоҷ ёфта истодааст;

Нақшу нигоркашӣ -ин бо нақшу нигор оро додани маҳсули дасти ҳунармандон мебошад, ки аз ҷониби наққошони моҳир ба маҳсули дуредгарон оро дода мешавад;

Ин буд вожаҳои ифодагари соҳаи ҳунармандӣ ва касбу ҳунарҳои гуногун, ки мардуми ин ҷо аз қадим инҷониб шуғл варзида, то замони имрӯза бархе аз намуди онҳо қадру қимат ва манзалати хешро гум накарда омадаанд.

Хулоса, вожаҳои соҳаи касбу ҳунарҳои гуногун дар лаҳҷаи тоҷикони мардуми Сариосиё хеле сермаҳсул буда, дар ҳар соҳаи ҳаёти ҳаррӯзаи мардум баръало намоён мешавад. Дар натиҷаи ҷустуҷӯ ва таҳқиққотҳои илмии хеш дарк намудам, ки вожаҳои соҳаи касбу ҳунарҳои корҳои гуногун дар лаҳҷаи тоҷикони мардуми Сариосиё аз дигар лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ тафовути зиёд надоштаанд. Вале, бо вуҷуди ин вожаҳое низ вуҷуд доранд, ки аз қадим инҷониб дар тӯли асрҳо то имрӯз нуфузи хешро нигоҳ дошта омадаанд ва мардум дар замони кунунӣ низ аз он босамарона истифода мебаранд.

АДАБИЁТЛАР:

1. Сариосиё ӯтмиши ва бугуни. – Муҳаррир. 2013.
2. Эшниёзов М. Вожанависӣ ва харитабардории хусусиятҳои лаҳҷавӣ. – Душанбе; 1999.
3. Хонхӯҷаева А. Халқ маросимларига оид этнографик лексемалар. – Самарқанд; 2021.
4. Ҳомидов Д. Шевашиносии тоҷик. – Душанбе; ДМТ, 2016.
5. Ҳомидов Д. Шевашиносӣ. – Душанбе; 2006.
6. Эшниёзов М. Диалектологияи тоҷик. Қисми 1. – Душанбе 1977.
7. Ғаффоров Р. Дастуруламали ҷамъоварии луғати шеваҳои тоҷикӣ. – Душанбе; 1982.